«Тасдиқ мекунам»
ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
__________ профессор Усмонзода А.И.
«____» ______________ соли 2023

# Хулосаи

**кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

Диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09. Фолклоршиносӣ, 10.01.01. Адабиёти тоҷик) дар кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» пешниҳод шудааст, ба анҷом расидааст.

Юсупова Мусабе Исломовна соли 1991 факултети филологияи Институти давлатии педагогии ба номи С. М.Кировро (ҳозира ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти рус хатм карда, аз соли соли 2014 дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба ҳайси унвонҷӯ ба корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии

«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Матлубаи Мирзоюнус мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар ҷаласаи Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 27.03.2014 бо қарори № 9 тасдиқ гардидааст.

**Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ:**
Таърих ва фалсафаи илм (аз 01.04.2016, Протоколи №21) баҳои «аъло», забони англисӣ (аз 08.04.2016, Протоколи №32) баҳои «аъло», аз тарафи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09. Фолклоршиносӣ, 10.01.01. Адабиёти тоҷик) моҳи январи 2023 баҳои «аъло», аз тарафи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дода шудааст.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқотро** осори мунташиршудаи Раҳим Ҷалил: маҷмуаҳои ашъору ҳикояҳои нависанда, романҳо ва повести ҳуҷҷатии «Маъвои дил» ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, маҷмуаҳои фолклорӣ, ки дар онҳо намунаҳои анвои фолклори тоҷик дар солҳои гуногун гирдоварӣ ва нашр гаштаанд, сарчашмаи таҳқиқии кори диссертатсионӣ мебошанд. Аз маводи бойгонии Раҳим Ҷалил, ки дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ нигаҳдорӣ мешавад низ истифода шудааст.

**Навовариҳои илмии пажӯҳиш:** Навовариҳои илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст тадқиқоти диссертатсионӣ доир ба масъалаҳои истифодаи жанрҳои фолклорӣ дар назму насри Раҳим Ҷалил ба таври густарда мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, доир ба асосҳои фолклории осори нависанда, масъалаҳои имконот ва истифодабарии жанрҳои фолклорӣ, ҷойгоҳи эҷоди шифоҳии халқ дар тафаккури бадеӣ ва таъсири он ба сабку услуби нигориш андешаҳо ва нуктаҳои илмӣ иброз гаштаанд.

**Нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд:**

1. Раҳим Ҷалил ҳамчун вориси адибони классикии форсу тоҷик ба эҷодиёти бадеии шифоҳии халқ таваҷҷуҳ намуда, дар пайравӣ ба намояндагони маъруфи адабиёти ибтидои садаи XX дар омӯзиш ва гирдоварии он саъй намудааст.

2. Дар ашъори Раҳим Ҷалил фолклор бештар ҷиҳати муассирии каломи шоир, таъмини халқияти асар, тадқиқи воқеии тафаккур ва муҳити кору фаъолияти инсон, андешаҳои ахлоқиву фалсафии ӯ ба кор гирифта шудааст.

3. Дар ҳикояҳои Раҳим Ҷалил бештар зарбулмасалу мақол мавриди истифода қарор гирифта, барои обуранг бахшидан ба нутқи қаҳрамонон, мушаххас кардани образи онҳо хидмат мекунанд.

4. Дар қиссаи воқеии «Маъвои дил» дар баробари жанрҳои фолклории зарбулмасалу мақол, тарона, дубайтӣ, рубоӣ, латифа, ривоят, нақл, мероси фарҳанги ғайримодии Хуҷанд низ инъикос ёфтааст, ки дар фолклоршиносии муосир он ба таври махсус омӯхта мешавад.

5. Дар романи «Одамони ҷовид» жанрҳои фолклори тоҷик фаровон ба кор рафта, ҳудуди дарки иҷтимоиву фалсафии воқеиятро вусъат бахшидаанд. Имкониятҳои васеи осори шифоҳии миллӣ ғаномандиву гуногунии шаклу воситаҳои бадеиро мувофиқи талаботи замон ба миён овардаанд.

6. Дар романи «Шӯроб» на танҳо фолклори тоҷик, балки фолклори мардуми миллатҳои дигар, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва фолклори ҳирфавии ангиштканон истифода гашта, амиқрафти ҷиддии фаҳмиши иҷтимоиву фалсафии ин тоифаро ба миён овардаанд ва дар инкишофи жанриву услубии асар таъсир гузоштаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Таҳқиқоти мавриди назар дар доираи Барномаи давлатии ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки яке аз самтҳояш омӯзиши фолклор ва мероси фарҳанги ғайримоддии Тоҷикистон аст, сурат гирифта, дар навбати худ ба самтҳои

афзалиятноки илм робитаи бевосита дорад. Илова бар ин, рисола дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2021-2025-ум, муаммои илмӣ: «Масъалаҳои таърих, нақд ва робитаҳои адабӣ дар адабиёти навини тоҷик» оид ба таҳқиқи насри муосири тоҷик низ мутобиқат дорад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои диссертатсия ба сурати мақолаҳо нашр ва ба МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дастрас гардида, дар ҷараёни дарсҳои лексионию амалии факултети филологияи тоҷик ва аз ҷониби алоқамандони соҳаи фолклор ва таърихи адабиёти муосири тоҷик мавриди истифода қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосӣ ва муҳимтарини диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (солҳои 2015-2022), конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва семинарҳои махсуси факултети филологияи тоҷик баён гардида, мавриди баррасӣ ва баҳогузории ҷомеаи илмии донишгоҳ ва берун аз он қарор дода шудаанд.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (суратҷаласаи №9, аз 12-уми апрели соли 2023) баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ.** Асосҳои назарии таҳқиқро омӯзиш ва баррасии асару мақолаҳои олимони фолклоршинос ва адабиётшиноси ватаниву хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳияи рисола ба асарҳои адабиётшиносон ва фолклоршиносони тоҷик – Раҷаб Амонов, Носирҷон Маъсумӣ, Воҳид Асрорӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ (М.Шукуров), Атахон Сайфуллоев, Хуршеда Отахонова, Разиюллоҳ Абдуллозода, Асадулло Сӯфиев (Сӯфизода), Рӯзӣ Аҳмад, Додоҷон Обидов, Бозор Тилавов,

Баҳром Шермуҳаммадов, Равшан Раҳмонӣ, Неъматҷон Файзуллоев, Матлубаи Мирзоюнус, Мардон Неъматов, Абдуллоҷон Мавлонов, Сироҷиддин Бобоев, Низомиддин Муродӣ, Дилшод Раҳимӣ, Саъдӣ Қосимӣ, Ислом Раҳимов, Абдуфаттоҳ Аминов ва дигарон руҷуъ карда шудааст. Таълифоти олимони рус С.Велтман, Т.М.Акимова, О.В.Белова, В.Я.Петрухин, К.В.Чистов, А.И.Лазарев, Г.Л.Премяков, В.Я.Пропп, М.П.Шустов низ мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ**. Ҳангоми навиштани диссертатсия ба афкори назарӣ ва таҳқиқоти адабиётшиносон ва фолклоршиносони ватаниву хориҷӣ таваҷҷуҳ шудааст. Диссертатсия бо усулҳои муқоисавӣ - таърихӣ, оморӣ ва консепсияи таҳлилу таҳқиқи анвои фолклорӣ дар заминаи асари бадеӣ таълиф гардидааст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» таълиф шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.09. – Фолклоршиносӣ ва 10.01.01. Адабиёти тоҷик мутобиқат мекунад.

**Мубрамии хоси кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки** доир ба масъалаи ҷанбаҳои фолклории осори Раҳим Ҷалил, истифодаи жанрҳои фолклорӣ дар асарҳои ӯ таҳқиқоти алоҳидаи монографӣ то ҳол рӯи кор наомадааст. Бинобар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба масоили марбут ба истифодаи фолклор дар асарҳои Раҳим Ҷалил ва, умуман, мақоми фолклор дар эҷодиёти ӯ пажӯҳиши илмӣ анҷом дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Довталаб бори нахуст нақши фолклорро дар тафаккури бадеии нависанда ва ташаккули услуби ӯ мавриди омӯзиш қарор дода, ҷойгоҳи жанрҳои ривоят, дуо ва шугунро дар осори Раҳим Ҷалил муайян намудааст ва ба натиҷаҳои илмӣ ноил гаштааст. Достони «Ленинобод»-и нависанда бори нахуст ба таҳқиқ кашида шуда, хусусияти он муайян карда шудааст. Маводи

бойгонии Раҳим Ҷалил омӯхта шуда, ба муомилоти илмӣ кашида шудааст.

**Ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур.** Дар рисола барои ҳалли мавзуъ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои пешбинишуда ба масъалаҳои зерин афзалият дода шудааст:

- муайян кардани робитаи эҷодиёти нависанда бо осори лафзии халқ ва таъсири он ба услуби нависанда;
- таҳқиқи таъсири фолклор дар ташаккули тафаккури бадеии Раҳим Ҷалил;
- муайян кардани таносуби фолклор ва услуби эҷодии нависанда;
- таҳқиқи ҷойгоҳи анвои фолклорӣ дар ашъори Раҳим Ҷалил;
- маълум кардани мавқеи фолклор ва ҷанбаҳои фолклории ҳикояҳои нависанда;
- таҳқиқи истифодаи фолклор дар қиссаи воқеии «Маъвои дил»;
- муқаррар намудани мавқеи фолклор дар романҳои «Одамони ҷовид» ва «Шӯроб»;
- аз дидгоҳи нави илмӣ омӯхтани ривоят, шугунҳо ва дуоҳо дар осори Раҳим Ҷалил.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна ҳамагӣ дар 9 мақола баён гаштааст, ки аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷаллаю маҷмуаҳои дигари илмӣ нашр шудаанд ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълифу таҳияи автореферат ва диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ мувофиқ мебошанд, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

1. Юсупова, М.И. Ашӯла дар повести воқеии «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил / М. Юсупова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ-маҷаллаи илмии донишгоҳи омӯзгории ба номи С.Айнӣ. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020 – №2. – С.174-178.
2. Юсупова, М.И. Баъзе мулоҳизаҳо доир ба истифодаи фолклор дар повести «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил / М. Юсупова // Паёми

донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020 – №4. – С.186-191.

3. Юсупова, М.И. Корбурди зарбулмасалу мақол дар романи «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил / М. Юсупова // Номаи донишгоҳ – маҷаллаи илмии ДДХ ба номи Б.Ғафуров. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2021–№1. – С.107-115.

4. Юсупова, М.И. Ривоят доир ба манбаи об дар осори Раҳим Ҷалил / М. Юсупова // Паёми донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2021–№2. – С. 320-325.

5. Юсупова, М.И. Раҳим Ҷалил – фолклоршинос / М. Юсупова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2022– №2. –С.244-250.

**Таълифоти муаллиф, дар маҷмӯаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

6. Юсупова, М.И. Мавқеи зарбулмасалу мақолҳо дар осори шоиру нависандагон/ М.Юсупова// Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ (конференсияи анъанавии илмӣ-амалии донишгоҳӣ 22-25 апрели соли 2020), Хуҷанд, 2020. –С.175-178.

7. Юсупова, М.И. Фолклор ҳамчун сарчашмаи эҷодиёти адибон/ М.Юсупова// Забон – меҳвари дониш.- Маҷмӯаи мақолаҳо. – Хуҷанд: Дабир, 2021. –С.200-205.

8. Раҳимов И.У., Юсупова, М.И. Ривоят доир ба лайлатулқадр дар осори Мирзо Турсунзода ва Рахим Ҷалил/ И.Рахимов, М.Юсупова// Нақши Мирзо Турсунзода дар рушди адабиёт ва фарҳанги миллӣ (конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 110 солагии Шоири халқии Тоҷикистон ва Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода) – Душанбе, 2021. –С.146-153.

9. Юсупова, М.И. Фарҳанги ғайримоддии Хуҷанд дар «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил/ М.Юсупова // Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ (конференсияи илмӣ-амалӣ ба ифтихори 35-

солагии Истиклоли давлатии ҶТ, Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии ДДҲБСТ) - Хуҷанд, 2023. – С.83-87.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, 5 зерфасл, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима иборат буда, дар маҷмуъ 192 саҳифаро (176 саҳифа матни рисола ва 16 саҳифа замима) дар бар мегирад.

**Тавсия ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (суратҷаласаи №9 аз 12.04.2023) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Хулоса, кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовнаро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, хусусан, самти адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ иртиботи қавӣ дошта, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Дар ҷараёни маҷлис аз тарафи профессорон Файзуллоев Неъматҷон, Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна ва дотсетон Мавлонов Абдуллоҷон, Субҳонов Аъзамҷон Баҳромҷонович, Мирсаидов Баҳром Тоҳирович, Муродова Малика Ҷӯраевна саволҳо пешниҳод гардиданд. Унвонҷӯ Юсупова Мусабе Исломовна ба саволҳои онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Дар баррасии рисола олимони факултети филологияи тоҷик доктори илмҳои филологӣ, профессорон Ӯлмасова З.Ҳ, Файзуллоев Н., номзадҳои илмҳои филологӣ дотсентон Мавлонов А., Аъзамов С.Б.,

Мирсаидов Б.Т., Бобоева З.С., Муродова М.Ҷ.  ва дигарон иштирок доштанд.

Маҷлиси кафедраи адабиёти муосири тоҷикии факултети филологияи тоҷики МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо дарназардошти фикру андешаи маърузачиён ва иштирокдорони ҷаласа

**ҚАРОР КАРД:**

1. Пешниҳоди профессорон ва дотсентони кафедра доир ба ислоҳи камбудиҳои дар рисола ҷойдошта ба эътибор гирифта шавад ва он саривақт ислоҳ шуда, ба рисола ворид карда шавад.

2. Рисолаи унвонҷӯ Юсупова М.И. «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 –, Адабиётшиносӣ (10.01.09. Фолклоршиносӣ, 10.01.01. Адабиёти тоҷик) кори илмии ба анҷомрасида ҳисобида шуда, барои баррасӣ ба сексияи адабиётшиносии Шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардад.

3. Аз Шурои диссертатсионии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ пурсида шавад, ки қарори мазкурро ба эътибор гирад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо иштироки устодони кафедраи номбурда қабул шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 12 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12, «зид» – 0, «бетараф» – 0.

Суратҷаласаи №9-ум аз 12-уми апрели соли 2023.

**Мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», номзади**
**илмҳои филологӣ, дотсент:** **Мавлонова М.Ҷ.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1,**
**тел. (+992) 92 725 3000**
**E-mail: Mutriba_mavlonova@mail.ru**

**Котиби ҷаласа:** **Ёдгорӣ А.**

**«Имзоҳои Мавлонова М.Ҷ. ва Ёдгорӣ А.-ро тасдиқ мекунам».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и**
**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 117070700**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**